**ХУЛОСАИ**
**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D. КОА-028-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**
**дар бораи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик**

Парвандаи аттестатсионии №______

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 12 сентябри соли 2019**

Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қодирова Дилноза Лутфуллоевна додани дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик.

Диссертатсияи Қодирова Дилноза Лутфуллоевна дар мавзӯи "Нақши маҷаллаи "Садои Шарқ" дар нақди адабии тоҷикии солҳои 70-90-и садаи XX" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121) барои ҳимоя пазируфта шудааст (Протоколи №38 аз 30.05.2019) .

Диссертант Қодирова Дилноза Лутфуллоевна, соли таваллудаш 1990, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2014 факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст.

Аз январи соли 2019 ба ҳайси ассистент дар кафедраи умумидонишгохии забони тоҷикӣ ва аз сентябри соли равон ба ҳайси ассистент дар кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст( Протоколи № 6 аз 02 .01.2019).

**Роҳбари илмӣ: Муллоев Абдусамад,** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Мисбоҳиддин Нарзиқул**-доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Одинаев Нурмаҳмад**-номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон:
- **Муассисаи пешбар:** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Дар тақризи муассисаи пешбар** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода омадааст, ки дар диссертатсия аксари мақолаву тақризҳои дар маҷаллаи "Садои Шарк" дар солҳои 70-90 ба осори адабӣ бахшидашуда ҳамчун падидаи ҳунариву зебоишинохтӣ накд ва арзёбӣ шуда, дар ин замина ҷустуҷӯҳои бадеии нависандагон муайян ва таҳлил шудаанд. Ин тамоюли накд дар мақолаҳои М. Шукуров,С. Табаров, А. Сайфуллоев, Х. Шарифов, А.Саторов А. Набиев, Р. Мусулмонкулов, А. Насриддинов ва дигарон хеле барҷаста арзи вуҷуд кардааст, ки аз ҷониби муаллифи рисола дақиқ баррасӣ шудааст.

Дар маводе, ки маҷалла нимаи дуюми солҳои ҳаштод ва ибтидои навади садаи XX чоп кардааст, масъалаи мазкур ҳамчун падидаи ҳунарӣ дар шинохти осори насрӣ имтиёз дошта, мунаққидон ба таҳқиқи паҳлӯҳои зебоишинохтии таълифоти нависандагон талош кардаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот зикр шуда,дар 9 банд ҷамъбаст ёфтааст.

Аҳамияти амалӣ ва назарии диссертатсия барои илми адабиётшиносии тоҷик хеле муҳим буда, он метавонад дар иншои китоби накди адабӣ, хондани лексия ва курсҳои махсус истифод шавад. Бо вуҷуди муваффаққият, диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо орӣ нест.

1. Дар диссертатсия баъзе масъалаҳо шабеҳи ҳамдигаранд ва табақабандии намудҳои накд ҷудогона бояд сурат гирифта, истифодаи истилоҳоти наққодӣ ва навъҳои накд баъзан ба омезиш роҳ дода шудааст.
2. Масъалаҳои сабки нигориш маҳдуд буда, фақат дар доираи масъалаҳои забон, қоидаҳои имло ва истифодаи калимаву ибораҳо матраҳ шудааст.
3. Дар матни диссертатсия ва номгӯи адабиёт нуқсонҳои имловӣ ва техникӣ мушоҳида мешавад.

Диссертант 5 мақола ба табъ расонидааст, ки онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд. Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд, чунинанд.т:


1. Қодирова, Д. Л. Маҷаллаи «Садои Шарқ» ва баъзе масъалаҳои накди адабӣ / Д. Л. Қодирова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. - Душанбе. – 2018 - № 4 (76). - С. 190-194.

2. Қодирова, Д. Л. Нақди шеър ва баъзе равишҳои он / Д. Л. Қодирова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе – 2018 - № 3 (75). - С. 218-221.
3. Қодирова, Д. Л. Худогоҳии нақди адабӣ / Д. Л. Қодирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Серияи «Филология»: Сино - Душанбе. – 2018 - № 6. - С. 221-224.
4. Қодирова, Д. Л. Жанрҳои нақди адабӣ ва усули таҳлил / Д. Л. Қодирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Серияи «Филология»: Сино – Душанбе – 2018 - № 7. - С. 271-275.
5. Қодирова, Д. Л. Тамоюлҳои ғоявӣ ва равишҳои ҳунарии нақди насри тоҷикӣ дар солҳои 70-90-и асри XX / Д. Л. Қодирова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. - Душанбе. – 2018 - № 5 (77). - С. 190-194.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**Холиқова Зайналбӣ** - номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ.

Тақриз асосан мусбат буда, баробари зикри муваффақиятҳо дар дисертатсия баъзе камбудиҳо ва нуқсонҳо низ мушоҳида мешаванд. .

1.Фасли аввали боби якум бештар ба партавияти адабиёту нақд ва дар чорчӯбаи қарорҳои ҳизбӣ амал намудани аҳли адабу мунаққидонро таъкид менамояд. Он характери назарӣ касб кардааст.

2. Дар фасли «Нақди нақд ва моҳияти ҳунарии он» асосан ба андешаҳои дигарон такя намуда, дар фасли аввали боби аввал қисман оҳанги публитсистӣ ба назар мерасад.

**Нуров Нуралӣ Норович** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров;

Тақриз мусбат буда, дар он зикр шудааст, ки дар баобари муваффақиятҳо дар автореферат кмбудииҳои ҷузъӣ низ мушоҳида мешаванд..

1.. Таснифи жанрҳои нақди адабӣ асосан ба мақола ва чеҳраи адабӣ сурат гирифта, мебоист ҷойгоҳи жанри тақриз зимни таснифоти жанрҳои адабӣ дар рисола баррасӣ мегардид.

2. Руҷӯи муаллиф ба мақолаҳое, ки ба масъалаҳои матншиносии осори классикӣ, равишҳои тасҳеҳи мутуни адабӣ ва таъйини арзишҳои илмӣ ва ҷанбаҳои қобили аҳамияти онҳо дар нақди адабӣ барои такмили қимати илмии рисола метавонист муассир бошад.

3. Дар баъзе ҷумлаҳо калавишҳои услубӣ дида мешавад , киислоҳи онҳо ба салоҳи кори муаллиф хоҳад буд.

**Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович**- номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Тақриз мусбат буда, новобаста аз дастовардҳо ва навгониҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо ба назар мерасинд.

1.Дар матни фишурда дар ду шакл овардани номи муаллифони мақолаҳои танқидӣ: А.Набиев (саҳ 4), А. Набавӣ (саҳ 11, 12), А. Ҳакимов (саҳ 4), Аскар Ҳакимов (саҳ 11), А. Ҳаким (саҳ 16) дида мешавад.

2. Ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва китобатӣ дар баъзе саҳифаҳои фишурда ба назар расид, ки ислоҳи онҳо мувофиқи матлаб хоҳад буд.

**Таиба Бобоева** - номзадҳои илми филологӣ,мудири кафедраи забони давлатӣ ва ҷомеашиносии ДПДТТХ ба номи академик М.Осимӣ.

Тақриз мусбат буда, дар баробари ин дар фишурдаи матни русии рисола зимни методологияи таҳқиқот аз истифодаи равиши таҳқиқотии 13 нафар олимон сухан рафтааст, аммо дар гунаи тоҷикии он номи 10 нафар омадааст.Хуб мебуд, ки мутобиқати мазкур дар ҳарду фишурда риоя гардад. Дар бархе аз саҳифаҳои фишурдаи рисола ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

**Додихудоев Раҷабалӣ**- номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодири Китобхонаи миллии Тоҷикистон.

Тақриз мусбат буда, дар фишурдаи рисола дар дараҷаи омӯзиши мавзӯъ муаллиф мақолаҳои зиёдеро, ки ба нақди нақд алоқаманданд, таҳлил намуда, ҳадафи зикри онҳоро нишон намедиҳад. Дар боби дуюм ва сеюми фишурдаи рисола ба ҷанбаҳои илмӣ ва ҳунарии нақди адабӣ камтар таваҷҷуҳ зоҳир шудааст.

Муқарризони расмӣ дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) муҳимияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои шоёни диссертантро низ таъкид кардаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони варзида дар соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф карданд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад. Муассисаи пешбар яке аз муассисаҳои бонуфузи илмии соҳаи филология дар ҷумҳурӣ ба шумор рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили умдаи адабиётшиносӣ, бахусус тарҷума ва робитаҳои адабӣ хеле маъруф гардидааст.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки муҳаққиқ дар асоси маводи зарурӣ ва фаровон оид ба таъсири нақди адабӣ ба адабиёти тоҷикии

солҳои 70-90-уми садаи XX ва дигар масоили вобаста ба мавзӯъро ба таври дақиқ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

**Аҳамияти назарии таҳқиқот.** Дар таҳаввули нақди адабӣ дар ин давра, бешак нақши маҷаллаи «Садои Шарқ» чашмрас аст. Маҷалла на танҳо воқеияти ҳаёти адабиро инъикос кардааст, балки бо нашри маводи танқидӣ ба ҷараёни инкишофи адабиёт, аз ҷумла нақди адабӣ низ таъсир гузоштааст. Таҳқиқ ва арзёбии ин масъала имкон медиҳад, ки дар заминаи маводи мушаххаси адабию танқидӣ равишҳои асосии назарӣ ва амалии нақди адабии он давра ва ҳусну қубҳи он муайян карда шавад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои диссертатсияро дар донишгоҳу донишкадаҳо зимни дарсҳои назариявию амалии таърихи адабиёт, нақди адабӣ истифода метавон кард. Ҳамчунин, диссертатсия дар оянда барои тадрис ва таълими таърихи адабиёти муосири тоҷик, таърихи танқиди адабӣ дар марҳилаи нави таърихӣ ва ҳатто таърихи матбуоти тоҷик қобили аҳамият мебошанд. Мақсаду вазифаҳои диссертатсия зимни таҳлили илмии мавод аз усулҳои таърихӣ, оморӣ, муқоисави таърихӣ, шинохти осори адабӣ инчунин таҳқиқот ва дастурҳои назарии донишмандон ва муҳаққиқони таърихи тарҷума ва назарияи он ба кор гирифта шудааст.

**Саҳми фардии муҳаққиқ** дар он зуҳур меёбад, ки нақши маҷаллаи “Садои Шарқ” дар нақди адабии солҳои 70-90 ба таври зарурӣ, омӯхта нашудааст ва бо дарназардошти вазъи муосири нақди адабии муосир дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом дода шуда, заминаҳои таҳаввул ва ҷойгоҳи нақди адабиро муайян намудааст. Дар диссертатсия бори нахуст таҳлил ва таҳқиқи маводи нақкодии маҷаллаи “Садои Шарқ”мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ рӯзи 12 сентябри соли 2019 дар бораи ба Қодирова Дилноза Лутфуллоевна додани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 25 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, 21 нафар иштирок дошт, ки аз ин 7 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.01.01– адабиёти халқҳои мамлакатҳои хориҷӣ (адабиёти тоҷик) мебошанд, дар ҷаласа иштирок дошт. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -21 нафар, «зид» нест «баргаҳои беэътибор» нест

Баромади Қодирова Дилноза Лутфуллоевна дар мавзӯи “Нақши маҷаллаи “Садои Шарқ” дар нақди адабии тоҷикии солҳои 70-90-и садаи XX” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик, тақризи муассисаи пешбар, баромади муқарризони расмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Мисбоҳиддин Нарзиқул, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Одинаев Нурмаҳмад ва тақризҳо ба автореферати шунида, муҳокима карда, Шӯрои

диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи диссертант

**қарор қабул мекунад:**

1. Диссертатсияи Қодирова Дилноза Лутфуллоевна дар мавзӯи “Нақши маҷаллаи “Садои Шарқ” дар нақди адабии тоҷикии солҳои 70-90-и садаи XX” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Мақолаҳои илмии чопкардаи муаллиф мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Қодирова Дилноза Лутфуллоевна дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 –Адабиёти тоҷик дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Қодирова Дилноза Лутфуллоевна дипломи дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷикро диҳад.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷаматов С.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Мирзоалиева А.Ш.

12 сентябри соли 2019.